**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ**
**КАФЕДРАИ СТОМАТОЛОГИЯӢ МУОЛИҶАВӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ
# АЗ ФАННИ СТОМАТОЛОГИЯ

**(барои донишҷӯёни курси 3-юми ихтисоси кори табобатӣ)**

**Душанбе – 2023**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ
# АЗ ФАННИ СТОМАТОЛОГИЯ
**(барои донишҷӯёни курси 3-юми ихтисоси кори табобатӣ)**


**Мураттибон:**
Ҳомидова Т.М.-н.и.т., дотсент и.в.муд. каф.стом. муоличавӣ
Абдуллоев И.Б.- ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ
Шарипов М.- ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ
Бедилов Х.М.- ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ
Қодирова Д.Р.-ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ
Маҷидов Ш.И.- ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ
Махмудов К.Ҷ. -ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ
Назарова М.З.- ассистенти кафедраи стом. муоличавӣ



Махмудов Ҷ.Т. - д.и.т., профессор, дотсенти кафедраи «Стоматологияи терапевтӣ» ДДТТ ба номи Абуали Ибни Сино

Рафиева З.Ҳ. - д.и.т., профессор, мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологӣ, факултети тиббии ДМТ.

Аз тарафи Шӯрои илмӣ-методии ДМТ таҳти суратмаҷлиси №___, аз «_____» ________________ 2023 тасдиқ шуда барои чоп тавсия дода шуд.

Раиси ШИМ ДМТ

Аз тарафи Шӯрои илмӣ-методии факултети тиббӣ ДМТ таҳти суратмаҷлиси №___, аз «_____» ________________ 2023 барои чоп тавсия дода шуд.

Раиси ШИМ-и факултети
тиббии ДМТ, дотсент Каримова О.А.


## МУҚАДДИМА

Стоматология – фанни тиб буда, этиология ва патогенез, ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои дандонҳо, ҷоғ ва дигар узвҳои ковокии даҳонро меомӯзад. Яке аз вазифаҳои асосии азхудкунии фанни стоматология ин омӯзиши усулҳои расонидани ёрӣ ҳангоми як қатор бемориҳои стоматологӣ ва осеббинии мавзеи ҷоғу рӯй мебошад. Ин масъалаҳои ба миён омада донишҷӯёнро водор менамояд, ки ба бемороне, ки табобати амбулаторӣ ва стансионарӣ доранд аҳамияти махсус диҳанд. Мақсади барномаи мазкур ин дар муддати кутоҳ донишҷӯёнро бо шаклҳои асосии бемориҳои клиникӣ ва осеби рӯй ва гардан омӯзонидан мебошад.

Ҳангоми гузаронидани дарсҳо донишҷӯёнро бо осебҳои мавзеи ҷоғу руй, ташхиси онҳо, расонидани ёрӣ дар марҳилаи шикастабандӣ шинос менамоянд.

Гуногуншаклии аломатҳои клиникии баъзе бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон донишҷуёнро водор менамоянд, ки омӯзиши ташхиси ин ҷараёнҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд (патологияи узвҳои ҳозима, узвҳои паренҳиматозӣ, системаи нафас, хунофарӣ ва ғ).

Табиби муосир бояд сабабҳои пайдошавии бемориҳои дарунӣ, аломатҳои онҳоро дар пардаи луобии даҳон дониста, таъсири ин манбаъҳои музмини одонтогении ковокии даҳон ба ташкаккули организми кудак дуруст баҳодиҳӣ намоянд. Бинобар ин дар дарсҳои лексионӣ масъалаҳои назариявии фанро бояд дар дарсҳои амалӣ бо истифодаи ҷадвалҳо, накшаҳо, диафилмҳо, рентгенограммаҳо, мисолҳо дарсҳои худро мукаммал гардонад.

Барномаи таълимӣ аз фанни стоматология дар асоси барномаи таълимии стоматология барои донишҷӯёни факултети тиббӣ, ихтисоси кори табобатӣ тартиб дода шудааст. Дар барномаи таълимӣ масъалаҳои пешгирии бемориҳои стоматологӣ пурра инъикос ёфтааст.

Диққати махсус ба ҷарроҳии дандонҳо ҳамчун намудҳои асосии ҷарроҳӣ дар дармонгоҳҳои стоматологӣ, бемориҳои фасодию илтиҳобӣ, осебҳо ва омосҳои мавзеи ҷоғу рӯй дода шудааст.

Марҳилаҳои инкишофи бемориҳои дандонҳо, принсипҳои асосии психопрофилактикаи дард ва тарс, аспектҳои клиникӣ ва ренгенологии сохти анатомии дандонҳое, ки дар марҳилаи ташаккулёбианд, хусусиятҳои клиникии ҷараён ва табобатии кариес, пулпит, периодонтит муфасал баён гардидааст. Инчунин нуқсонҳои ғайрикариесии бофтаҳои сахти дандон, бемориҳои пародонт ва пардаи луобии даҳон, тасвири тахминии рӯзнома ва пур кардани «таърихи беморӣ» барасӣ карда шудааст.

Аз ин сабаб, хислати хоси омӯзонидани стоматология дар ихтисоси кори табобатӣ ба ташаккулёбии асосҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимгирандагон равона буда, ба самтҳои зерин амалӣ мешавад:

1) Касбигардонии ҷараёни таълим – тағир додани шакл ва мундариҷаи таълим, мутобиқсозии мундариҷа ба масъалаҳои касбии мутахассисони оянда.
2) Таркибкунонии маводи таълимӣ дар асоси тасаввуроти кулл оиди стоматология ҳамчун фан, поягузори асоси фанҳои клиникии тахасусӣ.
3) Ҷустуҷӯ ва ворид намудани усулҳои самараноки таълим.
4) Фаъолгардонии иқтидори шахсии донишҷӯ дар якҷоягӣ бо ташкили шаклҳои гурӯҳии, ҷараёни таълим.

Қисми назариявӣ ба омӯзиши истилоҳоти асосии касбӣ- ба ташаккул додани дониши пойгоҳӣ оиди бемориҳои асосии стоматологӣ ба монанди бемориҳои пардаи луобии даҳон, омосҳо, осебҳои мавзеи ҷоғу рӯй ва ғ, равона шудааст. Омӯхтани масъалаҳои мазкур барои таълимиояндаи донишҷӯён дар кафедраҳои клиникии тахасусӣ асос мебошад.

Хусусияти курси лексионӣ хусусияти анъанавӣ доштани он мебошад, ки сабаби он, дар омӯхтани маводҳое мебошад, ки хусусияти фундаменталӣ доранд. Аммо он нововардҳои муайянро инкор намекунад ва омӯзгор бояд на танҳо худ онро аз сарчашмаҳои гуногун (мақолаҳои илмӣ, монография ва ғ.) гирад, балки онро ба донишҷӯён омӯзонад.

Ҳангоми омӯзонидани фан диққати махсус дода мешавад ба:

•дуруст ташхис гузаронидани бемориҳои мавзуи ҷоғу рӯй;

•тағирпазирӣ ва ҷоҳир фтани бемориҳои соматики бо бемориҳои стоматологӣ;

•қонуниятҳои тағирёбии хосияти организм таҳти таъсири омилҳои физикӣ, механикӣ, биологӣ ва химиявӣ, ки дар муҳити махсуси ковокии даҳон дар ҷараёни фаъолияти тартиби ҷоғу дандонҳо таъсир мекунад.

•Таъсири бемориҳои соматикӣ ба бофтаҳои сахти дандон ва пардаи луобии даҳон.

Донистани асосҳои илми стоматология, фарқияти хосияти ин илм бо дигар илмҳои тиббӣ вобаста аз таъсири омилҳои зараноки муҳити атроф, омили бомуваффақият азхудкунии донишҷӯён малакаҳои асоснокии илми доштаи интихоби масолеҳҳо мебошад ва барои ҳалли

масъалаҳои функсионалӣ ва эстетикии барқарорсозии тартиби ҷоғу дандонҳо саҳми калон дорад.

Дарсҳои назариявӣ бо намоиши масолеҳҳои клиникӣ ва дандонсозӣ ва усулҳои технологии истифодаи масолеҳҳо баргузор мешавад.

***1.Мақсади фан***:

Мақсади гузаштани дарси стоматология ин омода намудани донишҷӯён оиди назария ва амалияи стоматологияи муосир хусусан дар амалияи ҷарроҳии ҷоғу рӯй мебошад, ки он қисми ҷарроҳии умумӣ буда бо дигар фанҳои тиббӣ алоқамандии зич доранд. Ҳамчунин дар донишҷӯён пайдо намудани дониш ва малакаҳои расонидани ёрӣ ба беморон ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда (хунравӣ, шок, асфиксия ва ғ), осеббинии скелети рӯй, ҷараёнҳои вазнини фасодиву илтиҳобӣ мавзеи ҷоғу рӯй мебошад. Омузиши пешгирии бемориҳои асосии стоматологӣ, дар ташкил намудани нигоҳубини диспансерӣ ва бартараф намудани инкишофи нуқсонҳо, ҷараёнҳои пешазомосӣ ва як қатор бемориҳои системаи ҷоғу-дандон нақши табиб баланд мебошад.

**2. *Вазифаҳои фан:***

1. Шинос намудани донишҷуён бо таърихи инкишофи стоматология ҳамчун илм, асосҳои пешгирии бемориҳои стоматологӣ, диспансеризатсия ва барқароршавии бемориҳои стоматологӣ.

2. Шинос намудани донишҷӯён бо нақши стоматолгия байни дигар фанҳои клиникӣ, нишон додани нақши бемориҳои стоматологӣ дар патогенези як қатор бемориҳои узвҳои дарунӣ, нақши табиб дар пешгирии як қатор ҷараёнҳои патологии мавзеи ҷоғ ва рӯй.

3. Шинос намудани донишҷӯён бо методикаи ташхиси узвҳои ковокии даҳон (визуалӣ, мануалӣ, функсионалӣ, ёридиҳанда ва ғ.) бо муайян намудани аҳамияти натиҷаҳои ташхиси мазкур дар ташхиси умумии клиникии беморон аз рӯйи муайян намудани ҳолати патологии организм (иллатшавии эндокринӣ, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои хун, узвҳои хозима, пӯст, гиповитаминозҳо).

4. Шинос намудани донишҷӯён бо этиология, патогенез, аломатҳои клиникӣ, ташхис, амроз, пешгирӣ, табобати бемориҳо ва осебҳое, ки асосан аҳамияти иҷтимоӣ доранд.

5. Тарбия намудани ҳисси масулияти касбӣ дар донишҷӯён.

**Накшаи тақвимӣ-мавзӯии таълими фанни «Стоматология»**

Миқдори умумии кредитҳо: 4 (аз онҳо: 1 кредит барои машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ; 2 кредит барои машғулиятҳои аудитории амалӣ ва 1 кредит барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён)

| Р/т | Номгӯи мавзӯъҳо | Миқдори соатҳо | |
|---|---|---|---|
| | | **Машғу-лиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ** | **Машғу-лиятҳои аудитории амалӣ** |
| 1. | Мафҳум ва вазифаи стоматология. Масъалаҳои асосии стоматология, аҳамияти он барои табибон. | 2 | |
| | Усулҳои ташхиси бемориҳои стоматологӣ. | | 3 |
| 2. | Бемориҳои бофтаҳои сахти дандонҳо. | 2 | |
| | Бемориҳои дандон: кариес, пулпит, периодонтит. | | 3 |
| 3. | Бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон. Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. | 2 | |
| | Бемориҳои пародонт: тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ташхис, принсипҳои табобат. | | 3 |
| 4. | Алоқамандӣ байни бемориҳои стоматогенӣ ва соматикӣ. | 2 | |
| | Бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон. | | 3 |
| 5. | Остеомиелити ҷоғ. Нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. | 2 | |
| | Бедардкунии ҷузъӣ дар стоматологияи ҷарроҳӣ. | | 3 |
| 6. | Хусусияти умумии дабилаи мавзеи ҷоғу рӯй. Ёрии таъҷилӣ. | 2 | |
| | Асбобу анҷомҳое, ки ҳангоми ҷарроҳӣ истифода мебаранд (кандани дандон). | | 3 |
| 7. | Флегмонаи мавзеи ҷоғу рӯй. | 2 | |
| | Усулҳои табобати флегмонаи мавзеи ҷоғу рӯй. | | 3 |
| 8. | Онкология мавзеи ҷоғу рӯй. Омор, хусусиятҳо. | 2 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Онкостоматология. Омосҳои одонтогенӣ. | | 3 |
| 9. | Омосҳои одонтогении мавзеи ҷоғу-рӯй. | 1 | |
| | Тасниф, аломатҳои клиникӣ, ташхис, табобат. | | 3 |
| 10. | Травматологияи мавзеи ҷоғу- рӯй. Омор. | 1 | |
| | Бемориҳои илтиҳобии мавзеи ҷоғу-рӯй. Этиология, тасниф. | | 3 |
| 11. | Осеби бофтаҳои нарм, устухонҳои скелети рӯй. | 1 | |
| | Омор, тасниф, аломатҳои клиникӣ, ёрии аввалин. | | 3 |
| 12. | Баромадани ҷоғи поён. Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. | 1 | |
| | Тасниф, аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ. | | 3 |
| 13. | Шикастани устухонҳои рӯй ва ҷоғ. Аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ. | 1 | |
| | Усулҳои ташхис. | | 3 |
| 14. | Сил, куфт (сифилис), | 1 | |
| | Аломатҳои онҳо дар мавзеи ҷоғу рӯй, ташхис, принсипҳои табобат. | | 3 |
| 15. | Актиномикоз. | 1 | |
| | Аломатҳои онҳо дар мавзеи ҷоғу рӯй, ташхис, принсипҳои табобат. | | 3 |
| 16. | Оризаҳо ҳангоми осеббинии мавзеи ҷоғу рӯй. | 1 | |
| | Аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ. | | 3 |
| | **Ҳамагӣ:** | **24** | **48** |

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ФАН

### Мавзӯи 1. Мафҳум ва вазифаи стоматология. Масъалаҳои асосии стоматология, аҳамияти он барои табибон

#### А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ

Мафҳум ва вазифаи стоматология. Масъалаҳои асосии стоматология, аҳамияти он барои табибон. Бемориҳои дандонҳо. Кариес: этиология, аломатҳои клиникӣ, принсипҳои табобат, пешгирӣ. Пулпит. Периодонтит. Тасниф, аломатҳои клиникӣ, ёрии таъҷилӣ. Бемориҳои пародонт. Тасниф. Принсипҳои табобат.

#### Б. Машғулияти аудитории амалӣ

1.Усулҳои ташхиси бемориҳои стоматологӣ.

2.Бемориҳои дандон: кариес, пулпит, периодонтит.

3.Этиология, аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии аввалин, пешгирӣ.

#### В. Кори мустақилонаи донишҷӯён

1.Муоинаи бемори стоматологӣ. Ҳалли масъалаҳои ситуатсионӣ.

1. Ашуров Г.Г. Стоматологияи муолиҷавӣ: Китоби дарсӣ.-Д.: 2009.
2. Сабуров С.К. Стоматологияи ортопедӣ: Китоби дарсӣ.- Д.: 2009.
3. Алфаро Ф.Э. Костная пластика в стоматологии. В 2-х томах/
4. Грудянов А.И. Хирург.методы лечения забол.пародонта.

### Лексияи № 2 Бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон. Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. Алоқамандӣ байни бемориҳои стоматогенӣ ва соматикӣ.

#### А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ

Бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон. Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. Алоқамандӣ байни бемориҳои стоматогенӣ ва соматикӣ. Бесмориҳои илтиҳобии ҷоғу-рӯй, гардан. Тасниф. Периостити шадиди одонтогенӣ.

#### Б. Машғулияти аудитории амалӣ

1.Бемориҳои пародонт: тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ташхис, принсипҳои табобат.

2.Бемориҳои пардаи луобии ковокии даҳон.

3.Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин.

4.Алоқамандии бемориҳои стоматогенӣ ва соматикӣ.

#### В. Кори мустақилонаи донишҷӯён

1. Алоқамандии бемориҳои стоматогенӣ ва соматикӣ.

2.Сабуров С.К. Стоматологияи ортопедӣ: Китоби дарсӣ.- Д.: 2009.

3.Грудянов А.И. Хирург.методы лечения забол.пародонта.

**Мавзӯи 3. Остеомиелити ҷоғ. Нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. Хусусияти умумии дабилаи мавзеи ҷоғу рӯй. Ёрии таъҷилӣ.**

**А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ**

Остеомиелити ҷоғ. Этиология, патогенез. Нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. Хусусияти умумии дабилаи мавзеи ҷоғу рӯй. Ёрии таъҷилӣ.

**Б. Машғулияти аудитории амалӣ**

1.Бедардкунии ҷузъӣ дар стоматологияи ҷарроҳӣ.

2.Асбобу анҷомҳое, ки ҳангоми ҷарроҳӣ истифода мебаранд (кандани дандон)

**В. Кори мустақилонаи донишҷӯён**

1. Ҳалли масъалаи ситуатсионӣ.

2. Субҳонов С. С. Стоматологияи ҷарроҳӣ. - Душанбе 2011.

**Лексияи № 4. Онкология мавзеи ҷоғу рӯй. Омор, хусусиятҳо. Омосҳои одонтогении мавзеи ҷоғу-рӯй.**

**А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ**

Онкология мавзеи ҷоғу рӯй. Омор, хусусиятҳо. Омосҳои одонтогении мавзеи ҷоғу-рӯй. Аломатҳои клиникӣ, принсипҳои табобат. Омосҳои бадсифати ҷоғ. Аломатҳои клиникӣ, принсипҳои табобат. Саратони лаб. Нишонаҳои клиникӣ, принсипҳои табобат.

**Б. Машғулияти аудитории амалӣ**

1.Онкостоматология.

2.Омосҳои одонтогенӣ.

3.Тасниф, аломатҳои клиникӣ, ташхис, табобат.

4.Омосҳои бадсифати ҷағҳо.

5.Аломатҳои клиникӣ, ташхис ва принсипҳои табобат.

**В. Кори мустақилонаи донишҷӯён**

1. Саратони лаб ва забон. Аломатҳои клиникӣ, ташхис ва принсипҳои табобат.

2. Субҳонов С. С. Стоматологияи ҷарроҳӣ. - Душанбе 2011.

**Лексияи № 5. Травматологияи мавзеи ҷоғу- рӯй. Омор. Осеби бофтаҳои нарм, устухонҳои скелети рӯй. Омор, тасниф, аломатҳои клиникӣ, ёрии аввалин.**

**А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ**

Травматологияи мавзеи ҷоғу- рӯй. Омор. Осеби бофтаҳои нарм, устухонҳои скелети рӯй. Омор, тасниф, аломатҳои клиникӣ, ёрии аввалин. Принсипҳои даббоғи кардани захми рӯй. Амроз, аломатҳои клиникӣ, ёрии таъҷилӣ. Ғизогирӣ ва нигоҳубини бемороне, ки осебҳои ҷоғу-рӯй доранд.

**Б. Машғулияти аудитории амалӣ**

1.Бемориҳои илтиҳобии мавзеи ҷоғу- рӯй.

2.Этиология, тасниф.

3.Лимфаденит, периостит.

4.Аломатҳои клиникӣ.

5.Ёрии таъҷилӣ.

**В. Кори мустақилонаи донишҷӯён**

1.Ҳалли масъалаҳои ситуатсионӣ.

2. Субҳонов С. С. Стоматологияи ҷарроҳӣ. - Душанбе 2011.

**Мавзӯи 6. Баромадани ҷоғи поён. Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин.**

**А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ**

Баромадани ҷоғи поён. Тасниф, нишонаҳои клиникӣ, ёрии аввалин. Принсипҳои ҷарроҳии барқароршаванда. Тарқишҳои модарзодии лабҳо ва ком. Омор, тасниф, нишонаҳои клиникӣ ва принсипҳои табобат.

**Б. Машғулияти аудитории амалӣ**

1.Остеомиелити ҷоғҳо.

2.Дабилаи (флегмона) мавзеи ҷоғу- рӯй.

3.Тасниф, аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ.

4.Кор дар утоқи ҷароҳатбандӣ. Куратсия.

**В. Кори мустақилонаи донишҷӯён**

1.Ҳалли масъалаҳои ситуатсионӣ.

2. Субҳонов С. С. Стоматологияи ҷарроҳӣ. - Душанбе 2011.

3.Хирургическая стоматология / Под ред. Дунаевского В.А. - М.: Медицина, 2012.

**Мавзӯи № 7. Шикастани устухонҳои рӯй ва ҷоғ. Аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ.**

**А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ**

Шикастани устухонҳои рӯй ва ҷоғ. Аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ. Шикастабандӣ ҳангоми шикастани ҷоғҳо (усулҳо) ва аҳамияти он. Усулҳои шикастабандӣ (нишон додан дар фантом).

**Б. Машғулияти аудитории амалӣ**

1.Сил, куфт (сифилис), актиномикоз.

2.Аломатҳои онҳо дар мавзеи ҷоғу рӯй, ташхис, принсипҳои табобат.

3.Кор дар утоқи ҷароҳатбандӣ, куратсия.

**В. Кори мустақилонаи донишҷӯён**

1.Ҳал ва таҳлили масъалаҳои ситуатсионӣ.

2. Субҳонов С. С. Стоматологияи ҷарроҳӣ. - Душанбе 2011.

3.Хирургическая стоматология / Под ред. Дунаевского В.А. - М.: Медицина, 2012.

**Мавзӯи 8. Оризаҳо ҳангоми осеббинии мавзеи ҷоғу рӯй.**

**А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ**

Оризаҳо ҳангоми осеббинии мавзеи ҷоғу рӯй. Аломатҳои клиникӣ, ташхис, ёрии таъҷилӣ. Кор дар утоқи ҷароҳатбандӣ. Нигоҳубин, ғизогирии бемороне, ки осеби ҷоғу- рӯй доранд. Кор дар утоқҳо.

**Б. Машғулияти аудитории амалӣ**

1.Травматология.

2.Шикатани устухонҳои скелети рӯй.

3.Шикастани ҷоғи боло, маҷмӯи устухонҳои рухсораву-ҷоғ ва бинӣ.

4. Аломатҳои клиникӣ, ташхис ва ёрии таъҷилӣ.

**В. Кори мустақилонаи донишҷӯён**

1. Усулҳои ҷаъм намудани маълумотҳо.

2.Тохтахоҷаева С.Т., Субҳонов С.С. Стоматологияи муолиҷавии кӯдакон.-Душанбе 2009.

3.Ашуров Г.Г. Стоматологияи муолиҷавӣ: Китоби дарсӣ.-Д.: 2009.

4.Сабуров С.К. Стоматологияи ортопедӣ: Китоби дарсӣ.- Д.: 2009.

**Адабиётҳо:**

1.Грудянов А.И. Хирургические методы лечения заболеваний пародонта. 2012 с.

2.Персин Л.С. Ортодонтия 1998 с.

3. Назаров З.А. Эндодонтияи муосир. –Душанбе. «Ҳикмат», с.2009. -152 с.

4. Субҳонов С. С. Стоматологияи ҷарроҳӣ. - Душанбе 2011.

5.Тохтахоҷаева С.Т., Субҳонов С.С. Стоматологияи муолиҷавии кӯдакон.-Душанбе 2009.

6.Ашуров Г.Г. Стоматологияи муолиҷавӣ: Китоби дарсӣ.-Д.: 2009.

7.Сабуров С.К. Стоматологияи ортопедӣ: Китоби дарсӣ.- Д.: 2009.

8. Стоматология. /Под редакцией Бажанова Н.Н.: Учебник, 6-е изд., перераб. и доп. - М.: ГЭОТАР-МЕД, 2002. – 304с.

9. Хирургическая стоматология / Под ред. Дунаевского В.А. - М.: Медицина, 2012.

10.Клиническая оперативная челюстно-лицевая хирургия: Руководство для врачей /Под ред. В.Н. Балина.- СПБ.: Спеплит, 1998.

11.Пачес А.И. Опухоли головы и шеи. - М.: Медицина, 2000,1983,1971

12. Организация отделения хирургической стоматологии. Обследование больного, обезболивание: Методическое пособие. - М.: ВУНМЦ.

13.Методические разработки к практическим занятиям по стоматологии для студентов, разработанные кафедрой хирургической стоматологии ГОУ ВПО «ЧелГМА Росздрава».

14.Методические разработки к практическим занятиям по стоматологии для преподавателей, разработанные кафедрой хирургической стоматологии ГОУ ВПО «ЧелГМА Росздрава».

**Сайты и электронные носители:**

http://sinolib.tj/-book/ Материаловедение в стоматологии. Национальное руководство. Pdf

http://sinolib.tj/-book/ Ортопедическая стоматология. Pdf

http://sinolib.tj/-book/ Атлас по фантомному курсу в терапевтической стоматологии. Pdf

http://sinolib.tj/-book/ Пропедевтика стоматологических заболеваний. Клиническая эндодонтия. Pdf

http://sinolib.tj/-book/ Профилактика стоматологических заболеваний. Pdf